“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор

Ибодуллозода А.И.

16. 06. 2023с.

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна ба муаммои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим бахшида шудааст. Мубраму муҳим будани мавзӯи таҳқиқотро раванди иттилоотӣ гардидани тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла, таҳсилоти муосир, торафт бештар мавқеъ пайдо кардани технологияҳо дар илм ва амалия, ки сатҳи баланди салоҳиятнокии истифодаи онҳоро тақозо менамояд, ҳамчунин раванди босуръати компютерикунонии муассисаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина ба миён омадани зарурати ҷустуҷӯву татбиқи воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникативӣ ва ташкили шароити дидактикӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим бо фарогирии тамоми имконияти технологияҳои муосир асоснок менамояд.

Дар диссертатсия бо назардошти муҳим будани омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим, ташкили шароит барои таҳрики фаъолияти омодагии касбӣ, истифодаи босамари технологияҳои муосир бо мақсади донишомӯзӣ, татбиқи методу шаклҳои самарабахши таълим бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ коркарди асосҳои дидактикии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ барои рушди омодасозии касбии омӯзгорони макотиби олӣ амалӣ гардида, дар рафти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олӣ санҷида шудааст.

*Дар муқаддимаи диссертатсия* мубрамии мавзӯъ ва зарурати таҳқиқи он асоснок гардида, дараҷаи омӯхта шудани муаммои таҳқиқшаванда, ҳадаф, объект, мавзӯи таҳқиқот муайян шудаанд; вазифаҳо ва методҳо, соҳаи таҳқиқот мушаххас гардида, марҳалаҳои он нишон дода шудаанд; пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот таъйин шуда, боэътимодии натиҷаҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми рисола *«Асосҳои назариявӣ ва методологии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим»* ҷиҳатҳои назариявии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба инноватсионӣ намудани раванди таълим, моҳияту мундариҷаи раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим баррасӣ гардида, хусусиятҳои муҳити муосири раванди тайёр намудани омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим муайян карда шудаанд.

Дар асоси дидгоҳҳои муҳаққиқон унвонҷӯй мафҳумҳои «технологияи таълим», «технологияи таҳсилот», «технологияҳои педагогӣ», «технологияҳои муосири инноватсионӣ»-ро баррасӣ намуда, шароити дидактикии истифодаи воситаҳои телекоммуникатсиониро дар

раванди таълим, ҳамчунин корбурди самараноки шаклҳо, методҳо ва воситаҳои таълимро дар муҳити телекоммуникатсионии компютерӣ муайян кардааст. Дар ин қисматмуаллиф дуруст қайд намудааст, ки самаранокии технологияи инноватсионии муосири таълим ба таври назаррас ба сифати татбиқи он аз ҷониби омӯзгорони макотиби олӣ вобаста аст. Афзалияти раванди педагогӣ, сифати натиҷаи он азхуд намудани технологияи инноватсионии муосири таълимро на дар сатҳи дониш, балки дар сатҳи тафаккуру ақида талаб мекунад. Раванди инноватсионии таълим дар доираи технологияи муосир, тарҳрезӣ ва татбиқи он аз омӯзгор талаб мекунад, ки дониш, малака ва маҳорати нави касбӣ дошта бошад, аз баъзе қолабҳои устувор даст кашад. Мазмуни омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим бояд боиси тағйироти сифатии фаъолияти касбӣ, яъне тағйир ёфтани муносибатҳои касбӣ гардад.

Дар боби дуввуми диссертатсия *«Технологияи педагогии омода намудани омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим»* шароити ташкилӣ-педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим муайян гардида, раванди ташкил ва мундариҷаи корҳои озмоишӣ – педагогӣ оид ба омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим тавсиф ёфта, самаранокии технологияи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим санҷида шудааст. Ҷиҳати таҳқиқи ин масъалаҳо ҳолати ташкилию педагогие, ки барои татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар донишгоҳ фароҳам оварда шудаанд, баррасӣ гардидаанд. Чӣ тавре, ки муаллиф қайд менамояд ба инҳо дастурамалҳо, низомномаҳо, маводи методӣ, нақшаву барномаҳо, шаклҳои ҳуҷҷатҳои таълимӣ, ҳамчунин марказҳои идоракунии сифати таҳсилот, маркази мониторинг, шуъбаҳои гуногун ва ғайра мансубанд. Дар диссертатсия хусусиятҳои шароити

ташкилӣ - педагогӣ дар мисоли МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» тавсиф шудаанд.

*Навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд:-* мафҳуми «технологияи инноватсионии муосири таълим» «технологияи таълим», «технологияи таҳсилот», «технологияҳои педагогӣ» мушаххас карда шудаанд; - модели самаранокии раванди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ таҳия карда шудааст; - шароитҳои ташкилию педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим муайян карда шудаанд;- мафҳуми «муҳити мутобиқшавӣ»-ро ҷорӣ намуда, зарурати истифодаи муҳити мутобиқшавӣ дар баланд бардоштани самаранокии раванди омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим асоснок карда шудааст.

*Аҳамияти амалии таҳқиқоти гузаронидашуда аз он иборат аст, ки дар он* - коркарди шартҳои педагогӣ, технологияи дидактикӣ бо ҳадафи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ҳамчунин татбиқи он дар раванди таълими донишҷӯён анҷом дода шудааст; тавсияҳои методӣ оид ба рушди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим бо истифодаи шартҳои педагогии ошкоргардида дар раванди таълим тартиб дода шудаанд; коркарди низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ҳамчунин коркарди таъминоти методии он амалӣ гардидаанд.

*Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур бо* иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ

намудани сохтор ва мундаричаи корбарӣ бо донишҷӯён; муайян кардани имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани сатҳи омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот амалӣ гардидааст.

*Дараҷаи боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта* бо дидгоҳҳои методологӣ, истифодаи маҷмуи методҳои назариявӣ - методологӣ ва озмоишии ҳалли муаммоҳо, таҳлили шароит ва натиҷаҳои кори таҷрибавӣ - озмоишӣ; тасдиқи матлабҳои дар фарзия ифодаёфта ва ғояи пешбари таҳқиқот; ҳамбастагии маҷмӯи методҳое, ки ба вазифаҳои марҳалаҳои таҳқиқот мувофиқанд; таҷрибаи шахсии кори муаллиф ба сифати педагог таъмин ёфтааст.

*Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.*

Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби диссертант риоя шудани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор гирифтани методҳои мувофиқ ба объект, мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии такрори озмоиш дар амалияи таҳсилот таъмин намудаанд.

*Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.*

Бо вуҷуди дастовардҳои илмӣ дар диссертатсия як қатор норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Хуб мешуд дар диссертатсия муаммо ва монеаҳое, ки дар раванди самаранокии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим вуҷуд доштанд, мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

2. Дар диссертатсия таъсири технологияҳои инноватсионии муосири таълим ба ҷанбаи равонии донишҷӯён ба таври возеҳу равшан таҳлил мегардид, ҷанбаи равонии рисола боз ҳам қавитар мегардид.

3. Дар рисола муаллиф дар раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оиди истифодаи меъёрҳои самараноки омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим маълумот додааст ва хуб мешуд дар бораи асосҳои муайян намудани ин меъёрҳо эзоҳ медод.

4. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои хусусияташон имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

*Тасдиқи пуррагии кофии интишороти нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосаҳои диссертатсия.* Натиҷаҳои дар марҳалаҳои таҳқиқот бадастомада дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дар конференсияҳои ҳамасолаи илмӣ-амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриявӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд, дар курсҳои бозомӯзии тахассусии омӯзгорон, конференсияҳои байналмилалӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот пешниҳод ва муҳокима шудаанд.

Натиҷаҳои асосии тадқиқот, хулосаҳо ва мазмуни диссертатсия дар 13 мақолаи илмии муаллиф инъикос шудаанд, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои илмие, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия тавсия додаанд, нашр шудаанд. Теъдоди чоп шудаи интишороти довталаб дар маҷаллаҳои тавсияшуда, ба банди 35 Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди «Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 мувофиқанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна асосҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ муайян

шуда, коркарди амсилаи ҳамгироии технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ ва методикаи ташкили фаъолияти омодасозии омӯзгорон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим амалӣ гардида, самаранокии методикаи коркардшуда дар корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ санҷида шудааст.

Ҳадафу вазифаҳо, фарзияи илмии таҳқиқот ба мавзӯи он комилан мутобиқ мебошанд. Дастгоҳи илмии диссертатсия ба мантики таҳқиқот мувофиқ буда, доираи кофии сарчашмаҳои илмиву методӣ, методология ва методҳои дар таҳқиқот истифодашуда, интихоби пойгоҳи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ягонагии сохтори диссертатсияро таъмин намудаанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти анҷомдодаи М.Ф. Ахмедова дар коркарди дидгоҳҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии ҳалли муаммои омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ бо истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим саҳми назаррас мегузорад.

*Мувофиқати автореферат ба мундариҷаи диссертатсия.* Дар автореферат марҳалаҳои таҳқиқот, натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, хулосаву тавсияҳои асосии таҳқиқот пурра ифода ёфта, афтореферат мундариҷаи мухтасари таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд.

Диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим" таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ аст ва муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мебошад.

Диссертатсия дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштирок ва баромади унвонҷӯ Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна баррасӣ ва муҳокима гардида, бо тарафдории аксарияти иштирокчиён тақризи мазкур тасдиқ карда шуд.

(Қарори ҷаласаи кафедра № 29 аз 14 июни соли 2023).

Тақриз аз тарафи н.и.п., дотсент Ахадов З. омода шудааст

Мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ,
н.и.п., дотсент Мансурова Ҷ. С.

Роҳбари семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ Арбобова Ф.А.

Эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Т. А.

Котиби ҷаласа Хоҷаева Г.

*Имзоҳои Ахадов З., Мансурова Ҷ. С., Арбобова Ш.С., Самиев Т. А.,* Хоҷаева Г.*-ро тасдиқ менамоям.*

*Сардори РК ва КМ*
*ДДОТ ба номи С.Айнӣ* Мустафозода А.

**Маълумот барои тамос:** 734003 ш. Душанбе, х. Рудакӣ 121,
E-mail: infotgpu.tj, тел: (+992)23722241383